**Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 дар соли 2014**

Баланд бардоштани донишҳои шаҳрвандон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва омодагии онҳо ба ҳифзи ҳуқуқҳои худ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебошад ва дар ин раванд амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №678 тасдиқ гардидааст, идома дорад.

Айни замон барои татбиқи Барнома дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ аз ҷумлаи роҳбарони сохторҳои таълимии вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар ташкилотҳо таъсис дода шудааст.

Бахри иҷрои марҳилаи якуми татбиқи Барнома (солҳои 2013-2014) соли 2013 қарорҳои Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангосози байниидоравӣ оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон», «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои марҳилаи якуми Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» қабул гардидаанд.

Бо мақсади таҳия ва тасдиқи барномаҳои мақсаднок, дастурҳои методӣ оид ба иҷрои самтҳои асосии Барнома ва барои амалисозии дигар чорабиниҳои пешбинишуда бо қарори Шӯро шаш гурӯҳи корӣ дар самтҳои зерин таъсис дода шуданд:

- таълими хизматчиёни давлатӣ;
- таълими кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- таълими хизматчиёни ҳарбӣ;
- таълими судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ;
- таълим дар муассисаҳои миёнаи махсус ва олӣ;
- таълим дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ.

Аз ҷониби гуруҳҳои кории мазкур 17 барномаҳои мақсаднок таҳия гардида, бо ҷонибдории Шӯро барои дар муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ намудани фанни таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба Вазорати маориф ва илми ҶТ ва дигар идораҳои дахлдор ирсол шудаанд.